Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

19 июни соли 2002. Чоршанбе № 46 (12789)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.30 имзо гардид.

## Ҷамъомади комиссияи давлатӣ

Аз 20 июн дар тамоми муассисаҳои таълими олии ҷумҳурият қабули ҳуҷҷати довталабон оғоз меёбад. Ба ҳамин муносибат маҷлиси васеи Комиссияи давлатӣ оид ба қабул ба муассисаҳои таълими Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба амал омад. Дар он ректорони муассисаҳои таълими олӣ, котибони масъули комиссияҳои қабул, кормандони масъули вазорату идораҳои манфиатдор иштирок намуданд.

Дар маҷлис вазифаҳое, ки аз қарори Девони Вазирон аз 4 июни соли 2002 рақами 198 «Дар бораи қабул ба муассисаҳои таълими олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар соли таҳсили 2002/2003» бармеоянд, масъалаҳои ташкили қабул дар муассисаҳои таълимӣ, ҳамчунин тайёрии муассисаҳои таълими олӣ ба озмоишҳои тестӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар маҷлис ахбори Маркази тести давлатӣ дар бораи тайёрӣ ба озмоишҳои тестӣ шунидаву ҳаматарафа муҳокима гардид.

Зикр ёфт, ки вазорату идораҳое, ки дар тасарруфи худ муассисаҳои таълими олӣ доранд, комиссияҳои қабули муассисаҳои таълими олӣ, ректорон ва котибони масъули комиссияҳои қабул мебояд барои дар савияи баланд гузаштани маъракаи мазкур чораву тадбирҳои заруриро бинанд. Аз он ҷумла, ҳини қабули ҳуҷҷати довталабон ба онҳо ва падару модарони онҳо фароҳам овардани муҳити солим, шароити зарурии таълиму услубӣ, тиббиву маишӣ ва маданиву маърифӣ ба алоҳидагӣ зикр ёфт. Дар ин бобат ректорон ва котибони масъули комиссияҳои қабули муассисаҳои таълимӣ шахсан ҷавобгар буданашон ба алоҳидагӣ ба забон гирифта шуд.

Дар маҷлис ҳамчунин ба шӯъбаҳои махсуси ғоибонаи муассисаҳои таълими олӣ қабул кардани кадрҳои омӯзгоре, ки маълумоти миёнаи махсус доранд, мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар маҷлис ба вазорату идораҳои дахлдор супоришҳои зарурӣ доданд.

**(ӮзА).**

## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой



***Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом КАРИМОВ 17 июн дар қароргоҳи Оқсарой вазири умури хориҷаи Ҷумҳурияти Литва Индулис БЕРЗИНШро пазируфт.***

Сарвари давлатамон меҳмонро гарму ҷӯшон хайрамақдам гуфта, оид ба рушди муназзамонаи муносибатҳои дуҷониба қаноатмандиро баён сохт.

Ҳаҷми ҳамкории байни мамлакатҳоямон то чӣ андоза афзуданашро аз далелҳои мазкур мушоҳида кардан мумкин аст. Агар соли 1994 ҳаҷми муовизаи мол байни мамлакатҳоямон 13,1 миллион доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, соли гузашта нишондиҳандаи мазкур ба 103,4 миллион доллари ИМА расидааст. Ҳоли ҳозир дар мамлакати мо зиёда аз бист корхонаи муштараки ӯзбекистониву латвиягӣ бомуваффақият кор пеш мебаранд.

Ҳарчанд дараҷаи кунунии муносибатҳои мутақобиларо мусбӣ арзёбӣ кардан мумкин аст, вале барои минбаъда рушд бахшидани ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ва молиявӣ имкониятҳо бисёранд. Ҳангоми мулоқот Президент Ислом Каримов зикр намуд, ки вусъат додани ҳаҷми транзити молҳои Ӯзбекистон тавассути бандарҳои Литва барои ҳар ду ҷониб ҳам муфид мебуд.

Меҳмон ба Президенти мамлакатамон барои пазироии гарму ҷӯшон миннатдорӣ изҳор намуда, зикр кард, ки мақсади сафари ӯ ба Ӯзбекистон иборат аз омӯхтани имкониятҳои рушди минбаъдаи муносибатҳои мутақобила байни мамлакатҳоямон мебошад ва изҳори боварӣ намуд, ки ҳамкорӣ дар оянда боз ҳам вусъати худро пайдо мекунад.

Ҳангоми суҳбат ҳамчунин вазъи муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва Литва, масъалаҳои пурзӯр гардондани ҳамкории сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, рушди равобит дар соҳаи коммуникатсияҳои нақлиётӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд. **(ӮзА).**

## Маҷлиси комиссияи ҷумҳурӣ

***Дар Бекобод маҷлиси Комиссияи ҷумҳурӣ оид ба назорат ва мутобиқати тайёркунӣ ва супурдани оҳанпора, партовҳои маъданҳои сиёҳу ранга ба амал омад. Дар он сарварони вазорату кумитаҳои дахлдор ва ташкилотҳо, ҳамчунин мақомоти минтақавии идоравӣ ва муассисаҳое, ки бо ҷамъовариву супурдани ашёи хоми туфайлии маъданӣ шуғл меварзанд, иштирок намуданд.***

Маҷлис таҳти сарпарастии Мушовири давлатии Президенти Ӯзбекистон, раиси комиссия И.Ҷӯрабеков гузашт.

Дар Иттиҳодияи истеҳсолии саҳҳомии «Ӯзметкомбинат» корҳои собитқадамона оиди азнавкоркарди партовҳои маъданҳои сиёҳу ранга барои эҳтиёҷи хоҷагии халқ ва содирот ба иҷро расонда мешаванд. Омили асосии комёбиҳо дар маҳалҳо хуб ба роҳ мондани низоми ҷамъоварии партовҳои истеҳсолӣ ва маишии маъданҳои сиёҳу ранга ва дар мӯҳлати кӯтоҳтарин расонда додани онҳо ба комбинати маъдангудозӣ мебошад.

Баробари ин дар маҷлис зикр ёфт, ки корхонаҳо ва ташкилотҳои ҷудогона супоришҳои дахлдорро иҷро намекунанд. Сабаби он дар ҳамин мебошад, ки бисёр вилоятҳо ва ноҳияҳо ба фаъолият оид ба танзими ҷамъоварии оҳанпора ва партовҳои маъданӣ ва сари вақт ба азнавкоркард фиристодани онҳо диққату эътибори зарурӣ намедиҳанд.

Дар маҷлис тадбирҳо оид ба беҳдошти ҷамъоварии оҳанпораҳо ва маъданҳои сиёҳу ранга ва расонда додани он ба Комбинати маъдангудозии Бекобод андешида шуданд.

**(ӮзА).**

Фармон ва иҷро

## Ба деҳаҳои дурдаст

Пас аз мустақил шудани мамлакатамон барои фароҳам овардани шароити мусоид ба шаҳрвандони деҳаҳои дурдаст низ саъю ҳаракат карда, оиди таъмин будан бо оби ошомиданӣ ва гази табиӣ қарори махсуси Девони Вазирон қабул карда шуд.

Аз ин қулаиҳо алҳол бошандагони деҳаҳое, ки аз маркази шаҳру ноҳияҳо дуртар истиқомат доранд, баҳраманд мегарданд. Хурсандии бошандагони деҳаҳои дурдасти «Сариқамиш» ва «Дамобод»-и ноҳияи Чусти вилояти Намангон ҳадду канор надошт. Аз тарафи мутахассисони шӯъба корхонаи «Вилоятгазтаъминот»-и вилояти Намангон ба деҳаи «Сариқамиш» 5 километр, ба деҳаи «Дамобод» 3 километр хатти гази табиӣ оварда шуд. Дар ин ҷо зиёда аз 75 миллиону 600 ҳазор сӯмина корҳо ба иҷро расиданд.

Маросими тантанавӣ бахшида ба омадани гази табиӣ ба деҳаҳо ид гардид. Зери садои карнаю сурнай мардум ба маркази деҳа ҷамъ омаданд. Ҷамъомадагонро ҳокими ноҳия Т.Рӯзибоев кушода, бо омадани гази табиӣ ҳамагонро муборакбод гуфт.

Куҳансолон Давлатбобо Ӯтанов, Тошпӯлодбобо Аҳмедов, Малика Йӯлдошева, Турдиҷон Исоқоваҳо аз номи ҳамдеҳагон ба сухан баромада, ба ин ғамхориҳо ба Президентамон ва ҳокимони вилоят ва ноҳия миннатдории самимона изҳор карданд.

**А.МУРОДОВ.**





**Дар аксҳо:** 1. Оташи газ фурӯзон мегардад. 2. Ҳокими ноҳияи Чуст **Т.РӮЗИБОЕВ** бошандагони деҳаро муборакбод менамояд.

**Суратҳо аз они муаллиф.**

## Сарфаи захираҳои табиӣ

***Чӣ гуна идора намудан ва босамар истифода бурдани захираҳои табиӣ ҳамеша кори муҳим ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ барои боз ҳам босамартар намудани истифода ва идораи онҳо барномаву лоиҳаҳои махсус пиёда карда мешаванд.***

Яке аз чунин лоиҳаҳоро Оҷонсии ИМА оид ба тараққиёти байналхалқӣ (ЮСАИД) якҷоя бо Барномаи ташаккули идораи захираҳои табиӣ дар Осиёи Миёна анҷом доданд, ки ба ин муносибат онҳо рӯзи дарҳои кушодро эълон карданд. Дар ноҳияи Пахтаободи вилояти Фарғона чунин як барнома бо таъмин намудани обанборе бо ҷиҳозҳои техникӣ татбиқ гардидааст, ки дар натиҷа чӣ қадар об сарфа шуда, барои кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ истифода гардидааст,муайян карда шудааст. Сарфа намудани об на танҳо бо мақсади истифода аз он, балки оқилона кор бурдан барои экология низ аҳамияти бекиёс дорад. Ё фаразан ҳангоми истифода аз газу нафту барқ ва дигар масолеҳи табиӣ аз он бо ҳар роҳ нафъ бурдан мумкин аст, аммо чунон бояд истифода бурд, ки табиат ва муҳити мо бояд аз он зарар набинад.

Чунин роҳҳо ва моделҳои сарфа намудан ва оқилона истифода намудани захираҳои табииро ин барнома фаро гирифтааст, ки минбаъд дар сурати мусоид омадани шароит ҳукуматҳо, идораҳо ва созмонҳои ҷамъиятии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ истеҳсоли онҳоро ба роҳ гузоранд, ки намояндагони онҳо дар ин рӯзи дарҳои кушод ҳузур доштанд.

**Т.МИРҲАЁЕВ.**

Шарҳи рӯзнома

## Карзай — Президенти нави Афғонистон

Дар Афғонистон баъди задани зарбаҳои ҳалокатовар ба дастаҳои «Ал-қоида» ва Толибон ҳаёти мӯътадил оҳиста-оҳиста фаро мерасад ва он ба ҷараёнҳои қарор ёфтани сулҳу осоиш дар мамлакат нақши калоне мебозад. Аз он ҷумла, интихобот ба амал омада, вакилон ба Шӯрои куҳансолон — Луи Ҷирга интихоб гардиданд ва онҳо дар маҷлиси аввали худ дар садаи кунунӣ сарвари Ҳукумати муваққатии Афғонистон Ҳамид Карзайро президенти нави мамлакат интихоб карданд. Ба ин вазифа ба ғайр аз Карзай як нафар зан — Масъуда Ҷалол ва яке аз амалдорони ҳукумат — Глем Фаррух Маҷидӣ низ даъвогар буданд. Аз рӯи хабарҳои расонаҳои ахбори оммавӣ маълум мегардад, ки аз се ду ҳиссаи аъзои Луи Ҷирга ба тарафдории Ҳамид Карзай овоз додаанд. Яъне аз 1551 нафар, 1295 аъзои Шӯрои куҳансолон номзадии Карзайро ҷонибдорӣ кардаанд.

Ва ҷараёни мазкур ба осонӣ накӯчид. Чунки дар Афғонистон ба ин вазифа номзадҳои зиёдеро ёфтан мумкин буд. Аз он ҷумла, собиқ шоҳ Зоҳиршоҳ, собиқ Президенти мамлакат Бурҳониддини Раббонӣ, ки дар ин бобат таҷрибаи бойро молик аст, сарвари нави Афғонистон шуданашон мумкин буд. Вале ҳар ду ҳам изҳорот дода, номзадии Ҳамид Карзайро ҷонибдорӣ карданд. Интихоби раиси Луи Ҷирга ҳам ба душворӣ гузашт. Баъди баҳсу мунозираҳои доманадор охир яке аз тарафдорони Карзай Исмоил Қосимёр раиси Луи Ҷирга интихоб гардид.

Яъне дар ҳар ду ҷараёни интихоботи онҳо дар пояи сернамояндагӣ гузашт, ки ба ҷараёнҳои демократӣ пурра ҷавобгӯст. Аз он ҷумла ба вазифаи президентӣ гузоштани номзадии бонувон аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки дар Афғонистон ҳаққу ҳуқуқҳои занон аз нав ба роҳ монда, онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат фаъолона ширкат меварзанд.

Акнун ҳукумати нави Афғонистон ташкил карда мешавад ва он дар тӯли 18 моҳ, яъне гузарондани интихоботи умумихалқӣ фаъолият пеш мебарад.

## Ғалабаи Микаэлян

Дар Тошканд аз 8 то 16 июн мусобиқаи анъанавии занон аз рӯи теннис тахти унвони «Тошкент-Опен» ба амал омада, иштирокдорони он дар байни ҷуфтҳо ва ҳам яккагон барои ба даст овардани мукофоти он, ки 140 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медод, мубориза бурданд.

Дар мусобиқаи яккаҳо Татяна Пучеки белорусӣ ва Мари-Гаяне Микаэляни швейтсарӣ ба ҳам рӯ ба рӯ гардиданд. Мусобиқа бо ҳисоби якхела ба фоидаи Микаэлян 6\4, 6\4 анҷом ёфт.

Дар ҳарбу зарби ҷуфтҳо бошад, Татяна Перебейниси украинӣ якҷоя бо Татяна Пучеки белорусӣ аз болои ҷуфти Миа Буричи олмонӣ ва Галина Фокинаи россиягӣ бо ҳисоби 7\5 ва 6\2 ғолиб омада, бо ҳамин дар байни ҷуфтҳо пурқувват будани худро намоиш доданд.

Ҳангоми пӯшидашавии мусобиқа, ки ҳокими шаҳри Тошканд Рустам Шоабдураҳмонов, Сассон Какшурӣ ва супервайзери SanexWTATour Энжи Вулкокк иштирок намуданд, Татяна Пучек ва Мари-Гаяне Микаэлян ба ташкилотчиён барои хуб ташкил гардидани мусобиқа миннатдории худро изҳор карданд ва ваъда доданд, ки баъди як сол боз ба Тошканд меоянд.

## Ирода дар ҷои шонздаҳум

Иттиҳоди теннисбозони занон рӯйхати беҳтарин варзишгарони ҷаҳонро аз рӯи соҳаи худ эълон намуд. Мувофиқи он хоҳарони теннисбоз Винус ва Серена Уилямси амрикой ду ҷои аввалро ишғол мекунанд. Аз ҷои сеюм намояндаи дигари Амрико Ҷенифер Каприати ҷо пайдо кардааст.

Иштирокдори мусобиқаи финалии пойтахти Австрия, теннисбози ӯзбекистонӣ Ирода Тӯлаганова дар фаъолияти худ бори аввал 1349 хол ҷамъ оварда, аз рӯихати мазкур ҷои шонздаҳумро ишғол намудааст.

**(ӮзА).**

## Дар байни ҳуқуқшиносон

***Ба муносибати робитаҳои дипломатии Ӯзбекистону Ҷумҳурии Мисри Араб даҳ сол шуд. Ва ба ин сана, ки ба 50-умин солгарди инқилоби Миср мувофиқ меояд, омодагӣ дар авҷ аст.***

Яке аз чунин тадбирҳо дар Институти ҳуқуқшиносии Тошканд ба амал омад, ки дар он мушовири сафоратхонаи Миср, раиси шӯъбаи матбуоти он Раъфат Ассабъа бо донишҷӯёни солҳои аввали донишкада сӯҳбат дошт. Дар он дар бобати таърихи муносибати дипломатӣ ва имрӯзи он сухан рафт.

Шӯъбаи матбуоти сафоратхона инчунин дар ҳамкории воситаҳои ахбори оммавӣ омода намудани кадрҳо, бозомӯзии онҳо саҳми арзанда мегузорад.

Албатта дар мулоқоти дипломат бо донишҷӯён аз хусуси низоми таълим дар Миср, ҷиҳатҳои ба худ хоси он низ сӯҳбат ба амал омад. Қарор гардид, ки ба сабаби таваҷҷӯҳи зиёди донишҷӯён ба ин кишвар дар соли нави хониш дар байни онҳо аз хусуси Ҷумҳурии Мисри Араб озмуне тартиб дода мешавад. Ин қарор бо қаноатмандӣ пазируфта шуд.

**Хабарнигори мо.**

## Диққат, пиёдагард!

Мувофиқи Амри Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба мақсади пешгирӣ кардани ҳодисаҳои нақлиёту роҳ бо иштироки пиёдагардон, ҳамчунин таъмини бехавфии ҳаракат дар роҳ аз 15 июн дар мамлакатамон якмоҳагии «Диққат, пиёдагард!» гузаронда мешавад. Дар тадбир тамоми муассисоте, ки ба таъмини бехавфии ҳаракат дар роҳ алоқаманд ҳастанд, иштирок менамоянд.

## «Диско — марафон-2002»

***Бори дуюм аст, ки диско марафони «Тобистони Леди спид стик» барпо мегардад. Соли ҷорӣ он моҳи июн дар клубҳои пойтахт сурат мегирад.***

Дар «Тобистони Леди спид стик-2002», ки дар он ситораҳои санъати ҷумҳурӣ дар чанд марҳала ширкат карда, аз рӯи на танҳо овозхонӣ, балки боулинг, дансинг ва озмоишҳои дигар мусобиқа хоҳанд кард. Дар доираи марафон сартарошон ва пероишгарони сартарошхонаҳои гуногуни Тошканд ҳунари худро намоиш дода метавонанд.

Баъзе аз ин мусобиқаҳо аз саросари ҷумҳурӣ ширкат мекунанд, ки аввал дар марҳалаҳои ибтидой пирӯз гардидаанд.

Диско — марафон 26 июн ба анҷом мерасад.

**Т.ИКРОМОВ.**

## Мубориза ба муқобили иллати хавфнок

***Ба муносибати Рӯзи байналхалқии муборизаи зидди нашъамандӣ дар вилояти Андиҷон думоҳагии мубориза ба муқобили ин иллати хавфнок гузаронда мешавад.***

Дар тӯли ин вақт дар муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳо, маҳаллаҳо, мавзеъҳои истиқоматӣ вохӯриҳо, мулоқотҳо, машварат бо духтурон, ҳуқуқшиносон, намояндагони аҳли ҷамъият, кормандони мақомоти ҳифзи қонуну тартибот ба амал меоянд. Дар хонаҳои фарҳанг ва кинотеатрҳо филмҳои мавзӯӣ ва ҳуҷҷатиро дар бобати ин иллати хавфнок ба ҳукми тамошогарон пешкаш мекунанд.

## Кадоме беҳтар ҳунарнамой мекунад?

Ба шарҳамон беҳуда чунин савол нагузоштаем ва ҷавоби ин саволро пеш аз ҳама мухлисон дар натиҷаи ба ҳам муқоиса кардани натиҷаҳои беҳтарин тимҳои ҷаҳон, ки аз қитъаҳои Аврупо, Осиё, Африқо ва Амрико ба Куриёи Ҷанубӣ ва Ҷопон ҷамъ омадаанд, мегӯянд.

Маълум аст, ки дар мусобиқаҳои гурӯҳӣ 32 тими ҷаҳон, ки дар мусобиқаҳои саракунӣ ғолиб омада буданд, баробари соҳибони майдон — Куриёи Ҷанубӣ ва Ҷопон, қаҳрамони ҷаҳон — тими Фаронса дар ҳашт гурӯҳ тақсим гардида, байни ҳам қувва озмуданд ва байни худ 48 вохӯрӣ гузаронда, танҳо даҳтои он якранг анҷом ёфт.

Дар ин мусобиқаҳо 11 нафар футболбоз аз майдон пеш карда, ба даҳҳо футболбозон варақаи зард нишон дода шуданд. Агар дар мусобиқаи байни Камерун-Олмон натиҷаи рекордӣ дар бобати нишон додани варақаи зард нишон дода шуда бошад, баробари ин ду футболбоз аз тимҳои мазкур аз майдон пеш гардиданд. Боз як натиҷаи рекордӣ дар мусобиқаи Куриёву Португалия рух дод. Якбора ду футболбози Португалия аз мусобиқа ронда шуданду он боиси мағлуб гардидани яке аз даъвогарон ба номи қаҳрамони ҷаҳон гардид. Яъне онҳо низ баробари қаҳрамонҳои ҷаҳон—тимҳои Фаронса, Уругвай, Аргентина мусобиқаро пеш аз мӯҳлат тарк намуданд.

Чуноне ки пештар хабар дода будем, мусобиқаҳои ҳаштякфиналӣ низ аз 15 июн оғоз ёфта, дирӯз анҷоми худро ёфтанд. Дар ин марҳалаи мусобиқаҳо шонздаҳ тими беҳтарин байни ҳам қувва озмуданд ва дар байни онҳо аз ҷиҳати миқдор аврупоиён зиёд буданд. Яъне нӯҳ тими қитъаи мазкур мусобиқаҳоро дар ҳаштякфинал давом доданд. Ҳамроҳи онҳо чор тими қитъаи Амрико, ду намояндаи Осиё ва як намояндаи қитъаи Африқо—Сенегал барои роҳхат ба мусобиқаҳои чорякфиналӣ ҳарбу зарбро ба анҷом мерасонанд.

Ва ҳарбу зарбҳои мазкур нишон доданд, ки ба мусобиқоти ҳабдаҳуми ҷаҳон аз рӯи футбол тимҳои аз ҷиҳати иқтидору маҳорат аз ҳамдигар монданӣ надошта омадаанду аз ҳамин сабаб мусобиқаҳо ниҳоят пуршиддат ва шавқовар мегузаранд. Масалан, «мошини немис» танҳо дар дақиқаҳои охирини вохӯрӣ дарвозаи парагваиёнро ишғол карда тавонист. Тими Англия, ки яке аз даъвогарон барои ба даст овардани Ҷоми ҷаҳон мебошад, ҳарифони худ — тими Данияро бо ҳисоби 3:0 мағлуб сохт ва тамоми тӯбҳо дар қисми аввали вохӯрӣ ба дарвозаи ҳариф даромад.

Дар мусобиқаҳои ҳаштякфиналӣ ҳам ҳангомаҳо рух доданд ва бори дигар нишон доданд, ки «майдон ҳамвору тӯб кулула аст». Ва «айбдор»-и ҳангомаи аввал тими Сенегал мебошад, ки дар рӯзи аввали мусобиқот қаҳрамонони ҷаҳон—тими Фаронсаро мағлуб сохта, бо ҳамин барои ба марҳалаи минбаъда роҳхат гирифтани тими мазкур монеъ гардида буд. Сенегалиён бо тими Шветсия рӯ ба рӯ гардид ва ба тактикаи худ содиқ монд. Яъне футболи замонавиро нишон дод, бори дигар исбот намуд, ки ҳамла роҳи беҳтарини ҳимоя мебошад. Ҳисоб дар дақиқаҳои асосии мусобиқа мусовӣ гардид ва танҳо дар вақти иловагӣ сенегалиён ба даровардани «тӯби тиллой» муваффақ гардиданд. Испониён ҳам ҳамон рӯз бо ирландиягиён қувва озмуданд. Азбаски натиҷа якранг буд, довар маҷбур шуд, ғолибро аз рӯи задани тӯбҳои ёздаҳметра муайян созад. Бахти испониён тофт.

Тими Амрико ҳам «муаллифи» ҳангомаи навбатии мусобиқоти ҷаҳон гардид. Онҳо тими нисбатан пурқуввати Мексикаро, ки яке аз даъвогарон ба Ҷоми ҷаҳон ҳисобида мешуд, бо ҳисоби 2:0 мағлуб сохта, онҳоро низ ба хонаашон гуселонид. Тими Бразилия бошад, дар тӯли тамоми қисми якум ва нимаи аввали қисми дуюми бозӣ ба муқовимати сахти белгиягиён дучор омад. Аз ҳамин сабаб ҳисоб кушода нашуд. Вале дар бобати маҳорат таҷрибаи калон доштани бразилиягиён имкон дод, ки дарвозаи ҳарифро ишғол намоянд. Муаллифони тӯбҳо Ривалдо ва Роналдо гардиданду дуюмӣ аз ҷиҳати задани тӯб ба дарвозаи ҳариф ба Мирослав Клозеи олмонӣ расида гирифт. Ҳар ду аз авали мусобиқот то ҳол ба дарвозаи ҳарифон панҷтогӣ тӯб даровардаанд.

Дирӯз мусобиқаҳои байни тимҳои Ҷопон ва Туркия ва Куриёи Ҷанубӣ—соҳибони майдону намояндагони қитъаи Осиё бо тимҳои Туркия ва Итолиё— яке аз даъвогарон ба унвони қаҳрамони ҷаҳон ба амал омад. Туркҳо ғалаба карданд ва бо тими Сенегал дар чорякфинал бо ҳам рӯ ба рӯ хоҳанд гардид. Бозии дуюм азбаски дер тамом шуд, аз ҳамин сабаб натиҷаи онро гуфта натавонистем.

Мусобиқаҳои чорякфиналӣ 21 ва 22 июн ба амал меоянд. Тими Олмон бо ИМА, Испониё бо Куриё ва ё Итолиё, Англия бо Бразилия, Сенегал бо Туркия ба ҳам вохӯрданд. Дар байни онҳо мусобиқаи аз ҳама шавқовару аз ҳама шиддатнок байни тимҳои Англия ва Бразилия хоҳад гузашт. Ва онро бисёр шореҳони варзиш ба мусобиқаи финалӣ шабоҳат медиҳанд ва гуфтаи баъзе башоратгарон дар бобати дар финал ба ҳам рӯ ба рӯ омадани тимҳои мазкур пеш аз мӯҳлат ҷомаи амал пӯшид.

Онҳо дар чорякфинал бо ҳам рӯ ба рӯ омаданд. Имкониятҳои Олмон, Испониё ва Сенегал дар бобати роҳхат гирифтан ба марҳилаи ҳалкунандаи мусобиқаҳо воло арзёбӣ карда мешавад.

Мутахассисон дар айни замон дар байни шонздаҳ тими беҳтарини ҷаҳон будани тимҳои Осиё—Куриёи Ҷанубӣ, Ҷопон, Амрико ва Сенегалро ҳамчун ҳангомаи навбатӣ дар олами футбол шарҳ медиҳанд.

Ҳамин тавр, мусобиқаҳои чорякфинал ҳам дар мекӯбанд. Кадом тим аз онҳо бомуваффақият мегузарад ва кадоме ба тими беҳтарини ҷаҳон мубаддал меёбад? Ҷавоби ин саволҳоро баъди мусобиқаҳои чорякфинал, нимфинал, мусобиқаҳо барои ҷои сеюм ва якум то 30 июн гирифта метавонем ва пешакӣ кӣ қаҳрамони ҷаҳон шуданашро пешгӯӣ кардан аз имкон берун мегардад. Чунки ҳангомаҳо аз паси ҳангома рух медиҳанд.

**Т.ЭҲСОН.**

Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон

# Дар бораи партовҳо

**Моддаи 1. Мақсад ва вазифаҳои асосии Қонун**

Мақсади Қонуни мазкур танзими муносибатҳо дар соҳаи муомила бо партовҳо мебошад.

Вазифаи асосии Қонуни мазкур пешгирӣ кардани таъсири зараровари партовҳо ба ҳаёт ва тандурустии шаҳрвандон, муҳити атроф, кам кардани ҳосилкунии партовҳо ва таъмини оқилона истифода бурдани онҳо дар фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад.

**Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои зерин истифода гардидаанд:

муомила бо партовҳо—фаъолиятест, ки бо ба вуҷуд омадан, ҷамъ овардан, нигоҳ доштан, нақл, хокпӯш кардан, азнавкоркард, безарар гардондан ва фурӯши партовҳо алоқаманд мебошад;

обектҳои муомила ба партовҳо—обектҳоеанд, ки барои ҷамъ овардан, нигоҳ доштан, нақл, хокпӯш кардан, азнавкоркард, безарар гардондан ва фурӯши партовҳо алоқаманд мебошанд;

шиносномаи партов—ҳуҷҷатест, ки маҳали баромад ва хусусиятҳои инфиродии партовро тасдиқ менамоянд;

партовҳо—боқимондаҳои ашёи хом, маводҳо, нимфабрикатҳо, дигар маҳсулот ва озуқаанд, ки дар ҷараёни истеҳсол ва ё истеъмол ҳосил гардидаанд ва ҳамчунин молҳое (маҳсулоте) мебошанд, ки қобилияти истеъмолии худро аз даст додаанд;

лимити ҷойгиркунии партовҳо—миқдори ҳаддии партовҳоеанд, ки барои ҷойгир сохтан ба мӯҳлати муайян рухсат дода шудаанд;

обектҳои ҷойгиркунии партовҳо—маҳали махсус ҷудокардаву ҷиҳозонидашуда барои маҳфузият ва хокпӯш кардани партовҳо;

хокпӯш кардани партовҳо — безарар гардондани партовҳо, ки ба пешгирӣ кардани дараҷаи зараровари мол ба муҳити атроф нигаронда шудаанду имконияти минбаъда истифода бурдани ин партовҳоро соқит менамоянд;

маҳфузияти партовҳо — нигоҳ доштани партовҳо дар анборҳои махсус ҷиҳозонидашуда ба мақсади минбаъда ҷалб кардани онҳо ба хокпӯш кардан, азнавкоркард ва безарар гардондан;

безарар гардондани партовҳо — аз партовҳо ҷудо карда гирифтани ҷузъҳои пурарзиш ва ё истифодабарии партовҳо ба сифати ашёи хоми туфайлӣ, сӯзишворӣ, нурӣ ва дигар мақсадҳо;

азнавкоркарди партовҳо — амалӣ гардондани ҷараёнҳои технологии алоқаманди тағйир додани хусусиятҳои ҷисмонӣ, кимёвӣ ва ё биологии партовҳо ба мақсади тайёркунии онҳо ба нигоҳ доштан, нақл ва ё безарар гардондан аз нигоҳи бехавфи экологӣ;

меъёрҳои ба вуҷуд омадани партовҳо — муқаррар кардани миқдори партовҳои шакли мушаххас ва ё истеҳсоли воҳидҳои маҳсулот ва ё воҳидҳои ашёи хоми сарфашаванда;

партовҳои хавфнок — партовҳоеанд, ки дар таркиби худ моддаҳое шомиланд, ки дорои хусусияти як хавфро (зараровар, паҳныкунанда, тарканда ва сӯхтороваранда, қобилияти волои ба муовиза даромадан ва фаъолиятнокии радиактивиро) моликанду ба миқдор ва шакле мавҷуданд, ки бевосита ва ё нерӯгӣ хавфро барои ҳаёт ва тандурустии шаҳрванд, муҳити атроф ҳам мустақилона ва ҳам дар алоқамандӣ бо дигар моддаҳо ба вуҷуд меоваранд.

**Моддаи 3. Қонунгузорӣ дар бораи муомила бо партовҳо**

Қонунгузорӣ дар бораи муомила бо партовҳо аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузорӣ иборат аст.

Қонунгузорӣ дар бораи муомила бо партовҳо ба муносибатҳое, ки бо партовҳо ва пасмондаҳои моддаҳои зараровар, паҳншаванда ба муҳити атроф ва обектҳои обӣ алоқаманд ҳастанд, дахл надорад.

Муносибатро дар соҳаи муомила бо партовҳо дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ҳамчунин қонунгузории Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон танзим мегардонанд.

Агар шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурияти Ўзбекистон нисбат ба қонунгузории Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар бораи муомила бо партовҳо дигар қоидаҳоро пешбинӣ карда бошанд, дар он сурат қоидаҳои шартномаҳои байналхалқӣ истифода мегарданд.

**Моддаи 4. Ҳуқуқи амволдорӣ ба партов**

Ҳуқуқи амволдорӣ ба партов ба амволдори ашёи хом, мавод, нимфабрикат, дигар маҳсулоту озуқа, ҳамчунин молҳо (маҳсулот) мансуб аст, ки дар натиҷаи истифода бурдани онҳо партовҳо ба вуҷуд омадаанд.

Ҳуқуқи амволдорӣ ба партов ба шахси дигар дар пойгоҳи шартномаи хариду фурӯш, иваз кардан, ҳадя намудан ва ё дигар шартномаҳое гузоштанаш мумкин аст, ки қонун манъ накардааст.

Амволдорӣ партовҳо дар доираи ваколаташ, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, партовро ихтиёрдорӣ мекунад, истифода мебарад ва ба даст меоварад.

Гузариши ҳуқуқи амволдорӣ ба партов, ҷавобгарӣ барои таъсири зараровари он ҳангоми тағйир ёфтани амволдори қитъаи замине, ки дар он ҷо партов ҷойгир аст, мувофиқи қонунгузорӣ ҳаллу фасл мегардад.

**Моддаи 5. Ваколати Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар соҳаи муомила бо партовҳо**

Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон:

барномаҳои давлатии муомила бо партовҳоро тасдиқ мекунад ва иҷрои онро таъмин месозад;

тартиби амалӣ гардондани ба ҳисобгирӣ ва назоратро дар соҳаи муомила бо партовҳо муқаррар мекунад;

тартиби пеш бурдани кадастри давлатии маҳали хокпӯш кардан ва безарар гардондани партовҳоро муқаррар месозад;

тартиби таҳия ва тасдиқ намудани меъёрҳоро дар соҳаи муомила бо партовҳо муқаррар мекунад;

тартиби кашонда овардан ва транзити партовҳоро муқаррар мекунад;

тартиби номнавискунии партовҳоро муқаррар мекунад;

феҳристи партовҳои хавфнок ва партовҳо, сарҳади нақлиётии кашондани онҳоро тасдиқ мекунад, ки ба танзимгардонии давлатӣ мансубанд;

масъалаҳои пешкаш кардани қитъаҳои заминро барои хокпӯш кардани партовҳои хавфнок ҳаллу фасл мекунад;

тартиби муомила бо зарфу чизҳои молпечонии ғайридепозитиро муқаррар мекунад;

ҳаҷми додани ҳақро барои ҷойгир сохтани партовҳо муқаррар мекунад;

дигар ваколатҳоро мувофиқи қонунгузорӣ ба ҷо меоварад.

**Моддаи 6. Мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ дар соҳаи муомила бо партовҳо**

Мақомоти махсуси ваколатдори давлатӣ дар соҳаи муомила бо партовҳо инҳо мебошанд:

Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба ҳифзи табиат;

Вазорати тандурустии Ҷумҳурияти Ўзбекистон;

Оҷонсии «Ўзкоммунхизмат»-и Ўзбекистон;

Оҷонсӣ оид ба назорат аз болои бехавф пеш бурдани корҳо дар саноат ва назорати кӯҳсор (минбаъда Оҷонсии «Саноатконтехназорат» номида мешавад).

**Моддаи 7. Ваколати Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба ҳифзи табиат дар соҳаи муомила бо партовҳо**

Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба ҳифзи табиат:

назорати давлатиро барои риоя намудани талаби қонунгузорӣ дар бораи муомила бо партовҳо амалӣ мегардонад;

фаъолияти мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатиро дар соҳаи муомила бо партовҳо мувофиқ месозад;

кадастри давлатии маҳали маҳфузият ва безараргардонии партовҳоро пеш мебарад;

ташкили давлатии экологии корҳои илмиву тадқиқотӣ ва дастовардҳои технологӣ ва ҳуҷҷатҳои лоиҳавиву сметавиро дар соҳаи муомила бо партовҳо мегузаронад;

розигиро ба меъёрҳои муқарраргардидаи ба вуҷуд овардани партовҳо ва обектҳои ҷойгир сохтани онҳо медиҳад;

лимитҳои ҷойгир сохтани партовҳоро тасдиқ мекунад;

дигар ваколатҳоро мувофиқи қонунгузорӣ амалӣ мегардонад.

**Моддаи 8. Ваколати Вазорати тандурустии Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар соҳаи муомила бо партовҳо**

Вазорати тандурустии Ҷумҳурияти Ўзбекистон:

назорати давлатии санитариву эпидемиологиро аз болои риоя кардани меъёрҳо ва қоидаҳои санитарии муқарраргардида ҳини муомила бо партовҳоро амалӣ мегардонад;

тадбирҳоро оид ба ҳифзи ҳаёт ва тандурустии шаҳрвандон аз таъсири зараровари партовҳо муайян мекунад;

хулосаи ташхиси давлатии санитариву гигиениро ба обектҳои муомила бо партовҳо медиҳад;

талабҳои санитариву гигиениро нисбати молҳое, ки аз партовҳо ҳосил мегарданд, муқаррар мекунад ва сертификати гигиениро ба онҳо медиҳад;

таъмини равиширо ҳини муайян кардани дараҷаи хавфнокии партовҳо ба ҳаёт ва тандурустии шаҳрвандон амалӣ мегардонад;

дигар ваколатҳоро мувофиқи қонунгузорӣ амалӣ мегардонад.

**Моддаи 9. Ваколати Оҷонсии «Ўзкоммунхизмат»-и Ўзбекистон дар соҳаи муомила бо партовҳо**

Оҷонсии «Ўзкоммунхизмат»-и Ўзбекистон:

барномаи давлатии муомила бо партовҳои маиширо таҳия месозад ва барои тасдиқ ба Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон мувофиқи тартиби муқарраршуда пешниҳод мекунад;

мониторингро аз болои вазъи ҷамъоварӣ, нақл, азнавкоркард ва безараргардонии партовҳои маишӣ амалӣ мегардонад;

дигар ваколатҳоро мувофиқи қонунгузорӣ амалӣ мегардонад.

**Моддаи 10. Ваколати Оҷонсии «Саноатконтехназорат» дар соҳаи муомила бо партовҳо**

Оҷонсии «Саноатконтехназорат» инҳоро амалӣ мегардонад:

назорати давлатӣ ва назоратро аз болои баҳисобгирӣ, маҳфузият ва безараргардонии партовҳои истеҳсолоти кӯҳӣ ва азнавкоркард;

назорати давлатиро барои бехавфии радиатсионии партовҳои радиоактивӣ ҳангоми маҳфузият, нақл, безараргардонӣ ва хокпӯш кардани онҳо;

дигар ваколатҳоро мувофиқи қонунгузорӣ.

**Моддаи 11. Ваколати мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо дар соҳаи муомила бо партовҳо**

Мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ:

дар иҷрои барномаҳои умумидавлатии муомила бо партовҳо иштирок менамоянд;

барномаҳои маҳаллии муомила бо партовҳоро тасдиқ мекунанд;

шароитро барои рушди фаъолияти тадбиргарӣ дар соҳаи муомила бо партовҳо фароҳам меоваранд;

масъалаҳои ҷойгир сохтани обектҳои муомила бо партовҳоро дар ҳудуди дахлдор ҳаллу фасл мекунанд;

назоратро аз болои риоя намудани қонунгузорӣ дар соҳаи муомила бо партовҳо амалӣ мегардонад;

ба корхонаҳо дар бобати ҷамъ овардан ва безарар гардондани партовҳо кӯмак мерасонанд;

дигар ваколатҳоро мувофиқи қонунгузорӣ амалӣ мегардонанд.

**Моддаи 12. Ваколати мақомоти худидораи шаҳрвандон дар соҳаи муомила бо партовҳо**

Мақомоти худидораи шаҳрвандон:

дар ҳаллу фасли масъалаҳои ҷойгир сохтани обектҳои муомила бо партовҳо дар ҳудуди дахлдор иштирок менамоянд;

ба тозакунии санитарии қарияҳои аҳолинишин ва сари вақт додани ҳақ барои ҷамъ овардани партовҳои маишӣ мадад мерасонанд;

назорати ҷамъиятиро аз болои вазъи санитарӣ ва экологии обектҳои муомила бо партовҳо амалӣ мегардонанд;

дигар ваколатҳоро мувофиқи қонунгузорӣ амалӣ мегардонанд.

**Моддаи 13. Ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандон дар соҳаи муомила бо партовҳо**

Шаҳрвандон ба инҳо ҳуқуқ доранд:

фароҳам овардани шароити бехавф барои ҳаёт ва тандурустиашон ҳангоми муомила бо партовҳо;

мувофиқи тартиби муқарраргардида гирифтани маълумоти пурраву боэътимод дар бораи дар маҳалҳои истиқоматиашон мавҷуд будани миқдори партовҳои хавфнок, бехавфии обектҳои ба лоиҳагирифташуда, сохташаванда ва ҳамчунин обектҳои мавҷудаи муомила бо партовҳо;

иштирок дар муҳокимаи лоиҳаи қарорҳо оид ба сохтмони обектҳои муомила бо партовҳо;

баровардани қусури зараре, ки ба ҳаёт, тандурустӣ ва амволи онҳо дар натиҷаи халалдор шудани қонунгузорӣ дар бораи муомила бо партовҳо расонда шудааст;

иштирок дар амалӣ гардондани назорати ҷамъиятӣ аз болои вазъи санитариву экологии обектҳои муомила бо партовҳо.

Шаҳрвандон ӯҳдадор ҳастанд:

меъёрҳо ва қоидаҳои санитарии муқарраргардида ва дигар талаброн ҳини муомила бо партовҳо риоя намоянд;

мувофиқи тартиби муқарраргардида барои истифода бурдани хизмати корхонаҳо ва ташкилотҳое ҳақ диҳанд, ки ба ҷамъоварии партовҳои маишӣ машғуланд.

Шаҳрвандон мувофиқи қонунгузорӣ дигар ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳоро дар соҳаи муомила бо партовҳо соҳиб ҳастанд.

**Моддаи 14. Ҳуқуқи шахсони ҳуқуқӣ дар соҳаи муомила бо партовҳо**

Шахсони ҳуқуқӣ ба инҳо ҳуқуқ доранд:

аз мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳо мувофиқи тартиби муқарраршуда гирифтани иттилоот дар хусуси меъёрҳо ва қоидаҳои санитарӣ, меъёрҳои экологӣ дар соҳаи муомила бо партовҳо;

маҳфузияти партовҳо дар обектҳои ҷойгирсозии партовҳо мувофиқи меъёрҳо ва қоидаҳои санитарии нигоҳ доштани ҳудуд;

ба мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ дар соҳаи муомила бо партовҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо пешкаш кардани таклифҳои алоқаманди ҷойгир сохтан, ба лоиҳа гирифтан, сохтмон ва истифодабарии обектҳои муомила бо партовҳо;

иштирок дар таҳияи барномаи давлатии муомила бо партовҳо;

баровардани қусури зараре, ки ба вай дигар шахсон дар натиҷаи муомила ба партовҳо расондаанд.

шахсони ҳуқуқӣ дигар ҳуқуқҳоро дар соҳаи муомила бо партовҳо мувофиқи қонунгузорӣ доранд.

**Моддаи 15. Ӯҳдадориҳои шахсони ҳуқуқӣ дар соҳаи муомила бо партовҳо**

шахсони ҳуқуқӣ ӯҳдадор ҳастанд:

меъёрҳо ва қоидаҳои санитарӣ, меъёрҳои экологиро дар соҳаи муомила бо партовҳо риоя намоянд;

партовҳоро ба ҳисоб гиранд, ҳисоботро дар бораи онҳо мувофиқи пешбиникардаи қонунгузорӣ пешкаш намоянд;

мувофиқи тартиби муқарраргардида дараҷаи хавфнокии партовҳоро ба ҳаёт ва тандурустии шаҳрвандон, муҳити атроф муайян кунанд;

лоиҳаи меъёрҳои ба вуҷуд овардани партовҳо ва лимитҳои ҷойгир сохтани партовҳоро таҳия созанд;

ҷамъ овардан, ба таври зарурӣ нигоҳ доштан ва роҳ нагузоштан ба маҳву вайрон шудани партовҳоеро таъмин созанд, ки арзиши захиравӣ доранду ба безараргардонӣ мансуб мебошанд;

ба ҳам омехта шудани партовҳо дар мавридҳое, ки технологияи истеҳсолот пешбинӣ кардаанд, роҳ нагузоранд;

ба нигоҳ доштан, азнавкоркард, безараргардонӣ ва хокпӯш кардани партовҳо дар маҳалҳо ва обектҳои ғайрирасмӣ роҳ нагузоранд;

назоратро аз болои вазъи санитариву экологии амволдорони обектҳои ҷойгир сохтани партовҳо амалӣ гардонанд;

корҳоро оид ба рекултиватсияи халалдоршавии қитъаҳои замин ҳини муомила бо партовҳо амалӣ гардонанд;

тадбирҳои маҷмӯъгиро барои безараргардонии ҳатталимкони партовҳо, фурӯхтану ба дигар шахси ҳуқуқӣ ва ҷисмоние, ки бо ҷамъ овардан, нигоҳ доштан, безараргардонии партовҳо машғуланд, вогузоранда, ҳамчунин таъмини бехавфии экологии хокпӯш кардани партовҳоеро андешанд, ки ба безараргардонӣ мансуб нестанд;

мувофиқи тартиби муқарраргардида ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ дар соҳаи муомилот ба партовҳо иттилоотро дар мавриди ғайрирасмӣ расидани партовҳо ба муҳити атроф ва тадбирҳои дар ин бобат андешидашуда пешкаш намоянд;

мувофиқи тартиби муқарраргардида ҳақро барои ҷойгир сохтани партовҳо диҳанд:

зарареро, ки ба ҳаёт, тандурустӣ ва амволи шаҳрвандон, муҳити атроф, шахсони ҷисмонӣ дар натиҷаи муомила бо партовҳо расидааст, бароранд.

шахсони ҳуқуқӣ дигар ӯҳдадориҳоро дар соҳаи муомила бо партовҳо мувофиқи қонунгузорӣ доранд.

**Моддаи 16. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тадбиргарони инфиродӣ дар соҳаи муомила бо партовҳо**

Тадбиргарони инфиродӣ дар соҳаи муомила бо партовҳо ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳоеро соҳибанд, ки Қонуни мазкур барои шахсони ҳуқуқӣ пешбинӣ кардааст.

**Моддаи 17. Таъмини бехавфӣ ҳангоми муомила бо партовҳо**

Фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ дар соҳаи муомила бо партовҳо бояд бехавфии ҳаёт ва тандурустии шаҳрвандон ва муҳити атрофро таъмин намояд.

Фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми халалдор шудани талабҳои қонунгузорӣ дар бораи муомила бо партовҳо, ки ба ҳаёт ва тандурустии шаҳрвандон ва ё муҳити атроф зарар мерасонанд, дар мавриди ба вуҷуд омадани партовҳои хавфнок ҳини набудани имкониятҳои техникӣ ва дигар имкониятҳои таъмини бехавфӣ ба ҳаёт, тандурустии шаҳрвандон, муҳити атроф маҳдуд гардиданашон, боздоштанашон ва қатъ гардиданашон мувофиқи тартиби муқарраргардида мумкин аст.

**Моддаи 18. Меъёрҳо дар соҳаи муомила бо партовҳо**

Ба мақсади таъмини ҳифзи ҳаёт ва тандурустии шаҳрвандон, муҳити атроф, ки кам кардани ба вуҷуд омадани партовҳо меъёрҳои ба вуҷуд овардани партовҳо ва лимитҳои ҷойгир сохтани партовҳо таҳия мегардад.

Меъёрҳои ба вуҷуд овардани партовҳо аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ таҳия мегардад ва бо ризомандӣ бо мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ дар соҳаи муомила бо партовҳо тасдиқ мегардад.

Лимитҳои ҷойгир сохтани партовҳо аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ таҳия мегардад ва аз ҷониби мақомоти махсусан ваколатдоргардидаи давлатӣ дар соҳаи муомила ба партовҳо тасдиқ карда мешавад.

Тартиби таҳия ва тасдиқ намудани меъёрҳои ба вуҷуд овардани партовҳо ва лимитҳои ҷойгир сохтани партовҳоро қонунгузорӣ муқаррар мекунад.

**Моддаи 19. Сертификати экологии партовҳо**

Партовҳое, ки обекти хариду фурӯш, ҷараёнҳои содиротиву воридотианд, ҳамчунин партовҳои ҳавфноке, ки ба нақл мансубанд, бояд сертификатсияи экологиро мувофиқи меъёрҳо ва қоидаҳои санитарӣ, меъёрҳои экологӣ дар соҳаи муомила бо партовҳо гузаранд ва аз рӯи натиҷаҳои он ба амволдории партовҳо сертификати экологӣ дода мешавад.

Тартиби сертификатсияи экологиро қонунгузорӣ муқаррар мекунанд.

**Моддаи 20. Нақли партовҳои хавфнок**

Нақли партовҳои хавфнок тавассути таҷҳизоти махсус ва кӯмаки воситаҳои нақлиётӣ ҳангоми мавҷуд будани сертификати экологии партовҳо ва рухсатномае амалӣ гардонда мешавад, ки мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ дода мешаванд.

Ҷавобгарӣ барои бехавфии кашондани партовҳои хавфнок дар зиммаи ташкилоти нақлиётӣ мебошад.

**Моддаи 21. Овардани партовҳо**

Ба ҳудуди Ҷумҳурияти Ўзбекистон овардани партовҳо, аз он ҷумла, навъи дилхоҳи партовҳои радиоактивии баромадаш хориҷӣ ба мақсади маҳфузият ва хокпӯш кардан манъ карда мешавад. Мувофиқи тартибе, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, овардани партовҳо танҳо барои азнавкоркард ва безараргардонӣ, баробари таъмини шарти бехавфӣ ба ҳаёт ва тандурустии шаҳрвандон, муҳити атроф рухсат дода мешавад.

**Моддаи 22. Талабҳо нисбати маҳфузият ва хокпӯш кардани партовҳо**

Нигоҳ доштани партовҳо мувофиқи меъёрҳо ва қоидаҳои санитарӣ, талабҳои бехавфии экологӣ ва усулҳое амалӣ гардонда мешавад, ки оқилона истифода бурдани партовҳо ва ё вогузоштани онҳоро ба дигар шахсон таъмин месозад.

Маҳали нигоҳ доштани партовҳо (ба ғайр аз партовҳои хавфнок) мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо мувофиқи тартибе муайян карда мешавад, ки қонунгузорӣ муқаррар сохтааст.

Ба хокпӯш кардани партовҳое, ки барои безараргардонии онҳо дар Ҷумҳурияти Ўзбекистон технологияи дахлдор мавҷуд аст, роҳ гузошта намешавад.

Нигоҳ доштан ва хокпӯш кардани партовҳо дар замини қарияҳои аҳолинишин, таъминоти ҳифзи табиат, солимгардонӣ, рекреатсионӣ ва таърихиву фарҳангӣ, дар қад-қади минтақаҳои ҳифзи об ва минтақаи ҳифзи санитарии обектҳои об, дар дигар маҳалҳое, ки дар он ҷо ба саломатӣ ва тандурустии шаҳрвандон хавф ба вуҷуд оварданаш мумкин аст, ҳамчунин дар ҳудудҳо ва обектҳои табиии махсусан ҳифзшаванда манъ карда мешавад.

Хокпӯшкунии партовҳо ба қаъри замин дар мавридҳои истисной аз рӯи натиҷаҳои тадқиқи махсус баробари риоя намудани талабҳо оид ба таъмини бехавфии ҳаёт ва тандурустии шаҳрвандон, муҳити атроф, нигоҳ доштани захираҳои табиӣ роҳ дода мешавад.

**Моддаи 23. Ҳақ барои ҷойгир сохтани партовҳо**

Барои ҷойгир сохтани партовҳо дар маҳалҳои махсусан ҷудогардида ва ҷиҳозонидашуда ҳақ ситонда мешавад.

Ҳаҷми ҳақ мувофиқи тартиби муқарраргардида дар пойгоҳи лимитҳои ҷойгир сохтани партовҳо вобаста аз дараҷаи хавфнокии онҳо ба ҳаёт ва тандурустии шаҳрвандону муҳити атроф муайян карда мешавад.

**Моддаи 24. Рағбатноксозии фаъолият оид ба безараргардонии партовҳо ва кам шудани ба вуҷуд омадани онҳо**

Шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмоние, ки технологияҳои самти кам кардани ҳосилкунии партовҳо ва безараргардонии онҳоро таҳия месозанду татбиқ мекунанд, корхона ва сеххҳои истеҳсоли таҷҳизот, безараргардонии партовҳоро созмон додаанд, бо иштироки самъӣ дар бобати бо маблағ фарогирии тадбирҳо оид ба безараргардонии партовҳо ва кам кардани ҳосил шудани онҳо иштирок менамоянд, имтиёз мувофиқи қонунгузорӣ пешкаш карда мешавад.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо дар доираи ваколати худ тадбирҳои иловагиро дар бобати рағбатноксозии фаъолият оиди безараргардонии партовҳо ва кам кардани ба вуҷуд овардани онҳо андешида метавонанд.

**Моддаи 25. Бо маблағ фарогирии тадбирҳо оид ба безараргардонии партовҳо ва кам кардани ҳосилнокии онҳо**

Бо маблағ фарогирии тадбирҳо оид ба безараргардонии партовҳо ва кам кардани ҳосил шудани онҳо аз ҳисоби маблағи амволдори партовҳо амалӣ гардонда мешавад. Барои бо маблағ фарогирии тадбирҳои мазкур маблағҳои бунёдҳои ҳифзи табиат, бунёдҳои ғайрибуҷавӣ, аъзобадалии ихтиёрии шахсони ҳуқуқиву ҷисмонӣ, ҳамчунин маблағҳои Буҷаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҷалб гардиданашон мумкин аст.

**Моддаи 26. Баҳисобгирии давлатии партовҳо**

Баҳисобгирии давлатии партовҳое, ки кашонда оварда мешаванд, бурда мешаванд, миқдоран ба вуҷудоянда дар ҳудуди Ҷумҳурияти Ўзбекистон, ҳамчунин транзитӣ мансубанд.

Шакли ҳисоботи омории давлатиро дар бораи партовҳо, тартиби пешкаш кардани онро Вазорати меҳиқтисодиёт ва омори Ҷумҳурияти Ўзбекистон тасдиқ менамоянд.

**Моддаи 27. Бо шиноснома фарогирии партовҳо**

Партовҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҳосил мегарданд, ба шиносномакунӣ мансубанд.

Шиносномаи партовҳоро шахси ҳуқуқӣ ба ҳар як намуди партов алоҳида тартиб медиҳад. Дар мавриди тағйир ёфтани хусусиятҳои инфиродии партове, ки бо истеҳсоли технология алоқаманд аст, ба шиносномаи партов тағйироту иловаҳо дохил карда мешаванд.

Тартиби бо шиноснома фарогирии партовҳоро қонунгузорӣ муқаррар мекунад.

**Моддаи 28. Кадастри давлатии маҳалли хокпӯшу безараргардонии партовҳо**

Ба мақсади таъмини ҷамъ овардан, азнавкоркард, нигоҳ доштан ва таҳлили иттилоот оиди маҳали хокпӯшу безараргардонии партовҳо кадастри давлатии маҳалли хокпӯш кардан ва безараргардонии партовҳое, ки хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии партовҳоро моликанд, иттилооти дар бораи муомила бо онҳо ва тадбирҳо оид ба кам кардани дараҷаи хавфнокии онҳо пеш бурда мешавад.

Кадастри давлатии маҳалли хокпӯш кардан ва безараргардонии партовҳо мувофиқи тартибе пеш бурда мешавад, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст.

**Моддаи 29. Ҳаллу фасли баҳсу мунозираҳо**

Баҳсу мунозираҳо дар соҳаи муомила бо партовҳо мувофиқи тартибе ҳаллу фасл карда мешавад, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст.

**Моддаи 30. Ҷавобгарӣ барои халалдор кардани қонунгузорӣ дар бораи муомила бо партовҳо**

Шахсоне, ки дар халалдор кардани қонунгузорӣ дар бораи муомила бо партовҳо айбдор ҳисобида мешаванд, мувофиқи тартиби муқарраргардида ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И. КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд,

5 апрели соли 2002.

Қарори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон

## Дар хусуси тартиби эътибор пайдо кардани Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи партовҳо»

Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон қарор мекунад:

1. Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи партовҳо» аз рӯзи эълон гардиданаш эътибор дорад.

2. Ба Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон супурда шавад, ки қарорҳои ҳукуматро ба Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи партовҳо» мувофиқ гардонад, аз нав дида баромадан ва беэътибор донистани санадҳои меъёрии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва идораҳоеро таъмин созад, ки бар хилофи Қонуни мазкур мебошанд.

**Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон Э.ХАЛИЛОВ.**

шаҳри Тошканд, 5 апрели соли 2002.

Шарҳи рӯзнома

# Муносибатҳои нав

Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи партовҳо», ки иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлис даъвати дуюм қабул кардааст, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодиро дар бар гирифта, муносибатҳоро дар соҳаи муомила бо партовҳо танзим мегардонад. Мақсад, вазифаҳо ва аҳамияти ин қонун аз чӣ иборат аст?

Барои дарёфти ҷавоби ин савол лозим меояд, ки ҳар як моддаи он бо назари дақиқ таҳлил ёбад, мафҳумҳое баррасӣ карда шаванд, ки муносибатҳои навро дар соҳаи мазкур пешбинӣ кардаанд.

Пеш аз ҳама умдагии қонуни мазкур дар ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити атроф зоҳир мегардад. Чунки дар мамлакатамон ҳар сол ба ҳисоби миёна беш аз сад миллион тонна партовҳои истеҳсолӣ ва маишӣ ҳосил мегарданду азнавкоркарду безарар гардондан ва ба манфиати хоҷагии халқ истифода бурдани онҳо аҳамияти фавқулодда муҳим дорад. Ва пайваста афзудани партовҳо хавфи экологиро ба вуҷуд меоваранд. Аз ҳамин сабаб қисми зиёди онҳоро ба сифати партов дар кишоварзӣ истифода бурдан мумкин аст ва қабул гардидани қонуни мазкур имконият медиҳад, ки корҳо дар ин бобат доманадор гарданд. Чунки он пеш аз ҳама масъулиятро баланд мебардорад, ҷавобгариро барои беҳуда ҳосил шудани партовҳо пурзӯр гардондааст. Вазъи безараргардонии партовҳо ҳам беҳбудиро металабад. Дар айни замон пайдо кардани ҳуқуқи амволдорӣ ба партов низ муносибатро ба ин соҳа ба куллӣ тағйир хоҳад дод.

Бо назардошти муаммову камбудиҳои дар соҳаи мазкур ба амаломада Қонуни мазкур қабул гардид, ки масъалаҳои муносибат бо партовҳоро танзим мегардонад.

Дар бораи аҳамияти Қонуни мазкур оиди ҳифзи муҳити атроф бисёр ҳарф задан мумкин аст. Чунки дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ механизми иқтисодии фаъолияти ҳифзи табиат аҳамияти калон касб мекунад. Ва он дар қонун таҳкими худро ёфтааст. Пеш аз ҳама ҷорӣ гардидани усулияти пулакӣ будани ҷойгир сохтани партовҳо аҳамияти калон дорад, ки дар амалияи ҷаҳонӣ васеъ истифода бурда мешавад. Баробари ин дараҷаи ҳақдиҳӣ ба миқдори ҷойгиркунии партовҳо, дараҷаи хавфнокӣ ва ба ҳудуди экологӣ чӣ тавр таъсир расонданы онҳо вобаста буданаш яке аз таъсирбахшии қонун мебошад. Баъдан бо қонун ҷорӣ гардидани асосҳои рағбатноксозии фаъолияти безараргардонии партовҳо, додани маблағ аз рӯи безараргардонии онҳо аз ҳисоби истеҳсолгари маҳсулот ва амволдорони партовҳо низ аҳамияти калон дорад ва масъулиятро дар ин бобат хеле баланд мебардораду барои бештар ҳосил шудани партовҳо дар истеҳсолот ва партовҳои истеъмолӣ монеъ мегардад. Зеро соҳиби партов акнун барои ин навъи фаъолияти худ аз ҷайби худ пул медиҳад ва азбаски механизми пулакӣ дар ин бобат ҷорӣ мегардад, бе ягон шакку шубҳа ба кам шудани партовҳо мусоидат мекунаду аз он ҳам худи истеҳсолгар, ҳам истеъмолгар ва ҳам атрофиён, алалхусус муҳити атроф фоидаи калон мебинад.

Дар бобати баланд гардидани масъулият бо қонун ҷорӣ гардидани як қатор меъёрҳо, аз он ҷумла амалӣ гардондани назорат аз болои партовҳо, пеш бурдани ҳисобу китоби давлатии онҳо, кадастри давлатии маҳалли хокпӯш кардану безараргардонии партовҳо, ҷорӣ кардани шиносномаи партовҳо низ аҳамияти калон дорад. Чунки бо ҳамин васила айбдоронро ёфтан ва ҷазои иқтисодӣ додан ба осонӣ мекӯҷад.

Дар қонун аз рӯи воҳиди ашёи хом ҳосил гардидани партов низ меъёри муҳим ба ҳисоб меравад. Он пеш аз ҳама барои сарфакорона истифода бурдани ашёи хом мусоидат кунад, дар навбати худ пеши роҳи ҳосил шудани ҳар гуна партовҳои зиёдатиро мебандад.

Агар дар хусуси вазифаву ӯҳдадориҳо сухан равад, дар он сурат дар моддаҳои қонун дар ин бобат масъалаҳои мушаххас пеш гузошта шудаанд. Алалхусус, вазифаву ӯҳдадориҳои Девони Вазирон, Кумитаи давлатии ҳифзи табиат, Оҷонсӣ оид ба назорат аз болои бехавф пеш бурдани корҳо дар саноат ва назорати кӯҳканӣ дар соҳаи муомила бо партовҳо возеҳу равшан баён шудаанд. Вазифаву ӯҳдадориҳои шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ ҳам аниқ муайян гаштаанд. Қатъан риоя намудани меъёру қоидаҳои санитарӣ барои шаҳрвандон вазифаи аз ҳама муҳим муайян гардидааст. Ба зиммаи шахсони ҳуқуқӣ бошад, на танҳо вазифаи таҳияи лоиҳаи лимитҳо оиди ҷойгиркунии партовҳо, балки меъёрҳои ба вуҷуд овардани онҳо низ гузошта шудааст. Ба онҳо рухсат дода намешавад, ки дар маҳалҳои рухсатдоданашуда азнавкоркард, безараргардонӣ ва хокпӯш кардани партовҳоро гузаронанд. Қонун ба тадбиргарони инфиродӣ низ талабҳои зиёдеро пеш гузоштааст ва он аз вазифаву ӯҳдадориҳое, ки ба зиммаи шахсони ҳуқуқӣ гузошта шудаанд, қариб фарқ намекунад.

Бо сертификати экологӣ фаро гирифтани партовҳо низ аҳамияти калон касб мекунад. Ва он нисбати партовҳои хавфноке истифода бурда мешавад, ки танҳо барои кашонда бурдан мансуб мебошанд.

Аз ҳама муҳимаш моддаҳои қонун ба талабу меъёрҳои қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи ҳифзи табиат», «Дар бораи ҳудудҳои махсусан ҳифзшавандаи табиӣ» ва Кодекси замини Ўзбекистон мос гардонда шудаанд.

Дар ҷараёни таҳияи қонуни мазкур таҷрибаи қонунофарии мамлакатҳои хориҷӣ, аз қабили Британиёи Кабир, Олмон, Фаронса ва дигарон истифода бурда шудааст ва он меъёрҳои байналхалқиро дар бар гирифтааст. Ҷумҳурияти Ўзбекистон соли 1996 ба Конвенсияи Базел «Дар бораи назорат аз болои кашондани партовҳои хавфнок қад-қади сарҳад ва халос шудан аз онҳо» ҳамроҳ гардидааст ва нуктаҳои қонуни нав «Дар бораи партовҳо» аз ин рӯ ба амалияи ҷаҳонии меъёри танзими партовҳо мувофиқ гардонда шудаасту ба талаби байналхалқӣ пурра мувофиқат мекунаду пеш аз ҳама дар бобати пешгирӣ кардани таъсири зараровари партовҳо ба ҳаёту тансиҳҳатии шаҳрвандон ва муҳити атроф нақши калонеро мебозад.

Алқисса, қонун қабул гардид ва он эътибор пайдо кард. Акнун вазифаи муҳим дар амале татбиқ кардан, риоя намудан ба ҳар як нуктаву моддаҳои он мебошад. Дар он сурат бешак таъсири зараровари партовҳо ба ҳаёту тансиҳҳатии шаҳрвандон ва муҳити атроф аз байн бардошта мешаваду саравал ба дарозумрии ҳар якеамон мусоидат менамояд. Баробари ин дараҷаи ҳосилшавии партовҳо паст гардида, азнавкоркард, безараргардонии онҳо пурзӯр шуда, партовҳо ба фоидаи ҷамъият истифода хоҳанд гардид. Муносибатҳои нави дар қонуни нав пешбинигардида пеш аз ҳама масъулияту ҷавобгариро баланд мебардоранд.

